Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 72 (4812) | ҶУМЪА, 7 ИЮНИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024»

**Моддаи 1**. Ба моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» аз 18 ноябри соли 2023, №2012 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2023, №11, мод. 484; с. 2024, №3-4, мод. 158) қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Дар доираи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нет Солюшенс» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити бонк», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2023, №1149 тасдиқ шудааст, маблағи ҷаримаҳои барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз зернизоми «Баҳисобгирии автоматиконидашудаи вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ» ситонидашаванда, ки 50% (панҷоҳ дарсад)-и он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, дар давраи амали Созишнома ба суратҳисоби Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 июни соли 2024, № 2047**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 29 майи соли 2024, № 1337**

# ФАРМОНИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод намудани Алимзода Ҳ. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Алимзода Ҳанифа Акбар бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, аз вазифаи судяи суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июни соли 2024, № 834**

# ҚАРОРИ

## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 июни соли 2024, № 348, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Каримзода А. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Каримзода Абдураҳмон Раҳим бинобар вафоташ аз вазифаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

Ҳамовозӣ ба иқдоми Пешвои миллат



# ҲАМОСАИ ҲУВИЯТСОЗ

**Овозаи ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - чоп ва эҳдои «Шоҳнома» ба ҳар як оилаи Тоҷикистон сарҳади кишварро гузашт. Хоса, дар Эрон ғулғула афканд. На танҳо миёни тоҷикон, балки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои форсизабони дунё истиқболи бесобиқа ёфт. Форсизабонони ҷаҳон, ки аз «Шоҳнома» асли хешро пайдо кардаанд, ба Пешвои миллати мо дуруд фиристоданд.**

«Шоҳнома» ҳамосаи миллии мардуми ориёӣ мебошад. Он шоҳкории адабиёти ҷаҳон эътироф шуда, дӯстдорону ошиқони бешумор дорад. Муҳаққиқон онро бузургтарин ҳамоса дар ҷаҳон эътироф кардаанд, ки ба қалами як шахс тааллуқ дорад.

«Шоҳнома» асари ҳувиятсоз аст. Ҳамосаест ягонагӣ, далерӣ, озодӣ, ишқ, садоқат, ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ ва хираду адолатро фаро мегираду тарғиб менамояд. Аз зуҳури маърифату фарҳанг ҳикоя мекунад. Ин маъниро муҳаққиқон К. Айнӣ ва З.Аҳрорӣ дар мақолаи худ «Дар бораи «Шоҳнома», нусхаҳои асосӣ ва нашрҳои комили он», ки дар пешгуфтори нашри сеюми «Шоҳнома» ҷой дода шудааст, таъкид намудаанд: «Китоб шореҳи сарнавишти пурмоҷарои инсони боҳушу фарҳанг, мубориз ва диловар, ватанпараст, номаи розу ниёз, набарду пирӯзӣ, ваҳдат ва ҳамбастагии халқҳо дар набард бо деви бе доду ситам, зулмат ва зиштию дадманишӣ, башардӯстӣ, дастури касби хулқу атвори ҳасана, ҳамосаи азамат, хирад ва заковат, достони ишқи безавол, таърихи суннат ва анъаноти писандидаи мардум мебошад».

Ҷолиб ин аст, ки ин мавзуъҳо дар адабиёти ҷаҳон ҷовидонӣ мебошанд ва дар ҳеҷ давру замон арзиши худро аз даст надодаанд. Ин махсусият муҷиби ҳазорсолаҳо миёни мардум зинда мондани «Шоҳнома» низ мебошад.

Воқеан, асли худро ҷустан, дарёфтану шинохтанро, ки як роҳи расидан ба камоли инсонию маънавӣ арзёбӣ мешаванд, дар симои бисёре аз персонажҳои асосии «Шоҳнома» метавон мушоҳида кард. Ин маънӣ гоҳе ошкор асту гоҳе ниҳон. Масалан, вақте Суҳроб даҳсола мешавад, дарк менамояд, ки бо нерую ҷуссаи бузурги худ аз ҳамсолонаш тафовут дорад. Асли хешро ҷӯё мешавад ва аз модараш Таҳмина суол мекунад:

**Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?**
**Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?**

Ва аз модар чунин посух мешунавад:

**Ту пури гави пилтан - Рустамӣ,**
**Зи дастони Сомиву аз Найрамӣ.**

Суҳроб аз ин посухи модар огоҳ мегардад аз тухмаи кист, аммо манзури Ҳаким Фирдавсӣ аз тасвиру баёни воқеа танҳо худшиносии фардӣ нест, балки аз ин роҳ то ба худшиносии миллӣ ё шинохти миллат расидан аст.




Аз воқеаҳое, ки дар «Шоҳнома» мегузаранд, метавон дарёфт, ки ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, дар хидмат кардан ба Ватан, боло гузоштани манфиатҳои Ватан аз манфиатҳои шахсӣ, барои ҳимояи он ҳамеша ва дар ҳама ҳолат омода будан, пос доштани оину суннатҳои ниёгон зоҳир мегардад. Ҳамин ҳақиқатро дар пасманзари достони «Хашм гирифтани Ковус бар Рустам» метавон дид.

Ҳаким Фирдавсӣ муҳаббати воқеиро омили бунёди дӯстӣ, осоиши рӯҳу рӯзгори босаодати инсонҳо медонист ва онро тараннум мекард. Ӯ аз ин роҳ расидан ба ҷомеаи ормониро, ки дар ҳама давраҳо орзуи инсонҳо будааст, саҳл шумурд. Ин розро дар ишқи беолоиши Зол ва Рудоба метавон дид. Хонанда дар достон садоқату устуворӣ, ки ҳатто қудрати барҳам задани қувваи аҳриманиро дорад, мебинад. Зол писари Соми Наримон - паҳлавони Сиистон, фармонравои Бобулистон, ба Рудоба, духтари Меҳробшоҳи Кобулистон ва малика Синдухт, ки аз нажоди Заҳҳок асту аз азал бо ҳам душман, ошиқ мешавад. Кинаю адоват ва қасосгирии ду қавм садди ишқи онҳо шуда наметавонад. Ҳамин тавр, Зол ва Рудоба ба висоли ҳам мерасанд, ки аз онҳо Рустам ба дунё меояд. Яъне, агар муҳаббат самимӣ бошаду орӣ аз адоват, қодир аст нифоқро аз байн барад, муҷиби пирӯзии некӣ бар бадӣ гардад.

Аз «Шоҳнома» дармеёбем, ки мардум дар замони шоҳони каёнӣ Каюмарс, Ҳушанг, Ҷамшед, Фаридун оташро кашф карданд, унсурҳои маданият, тарзи зиндагӣ, тайёр кардани хӯроку пӯшок, хонасозӣ, ҳунари бофандагӣ, силоҳсозӣ, зироаткорӣ ва амсоли инро омӯхтанд. Асар, ҳамчунин, ба мо аз таърихи пайдоиши ҷашнҳои қадимии мардумиамон Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон, ки ҳоло онҳоро чун нишоне аз ниёгон ботантана ҷашн мегирем, маълумоти муфид фароҳам меорад.

«Шоҳнома» асарест, ки бо мутолиаи он метавон парда аз рӯи бисёр асрор бардошт. Он ба инсон, сарфи назар аз қавму нажод, ватандӯстӣ, қаҳрамонию бедорӣ, зиракии сиёсӣ, адолат ва хислатҳои некро талқин менамояд. Муроди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нашр ва ба ҳар як оилаи кишвар тақдим намудани асар парваридани ҳамин сифатҳои нек дар замири онҳо мебошад, ки дар замони муосир иқдоми сариваҳтию наҷиб ва боиси ҷонибдорию таҳсин аст.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**



# ҚАРОРИ

## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 июни соли 2024, соати 09-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 июни соли 2024, № 38**

# ҚАРОРИ

## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 19 июни соли 2024, соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 июни соли 2024, № 39**

# ИТТИЛОИЯ

Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.



# БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ - КАФОЛАТИ ТАВОНМАНДСОЗИИ ЗАНОН

**4-уми июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ дар мавзуи «Муколамаи ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон бо вакилзанон дар самти баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон» семинар-машварат баргузор гардид.**

Дар он вакилзанони Маҷлиси намояндагон, намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дафтари Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мавсума Муинӣ таъкид намуд, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба хотири таъмини риояи ҳуқуқҳои инсониву конститутсионии занон, фароҳам овардани шароити муносиби кору зиндагӣ барои онҳо, таҳкими мақому манзалаташон дар ҷомеа корҳои зиёд амалӣ шудааст.

Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи башар, аз ҷумла Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занонро тасдиқ намуд.

Бо тасвиби Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа» мавқеи занон дар мамлакат боло рафта, ин раванд бардавом аст. Дар заминаи фармони мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардон ва занон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи онҳо» қабул гардид, ки муносибатҳоро барои таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарии мардон ва занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ танзим намуда, кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробар барои шахсони ҷинси гуногунро муқаррар менамояд.

Иқдомоти дигари муҳим қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошанд.

- Сарвари давлат ҳамеша пуштибон ва ғамхори занону бонувон ҳастанд. Барои роҳандозии сиёсате, ки манфиат ва талаботи занону духтаронро пурра ба назар гирад, вакилони мардумӣ низ механизмҳои ҳавасмандгардониро дар доираи сиёсати муваффақонаи Пешвои миллат амалӣ намуда, онро тақвият мебахшанд, - таъкид намуд дар фарҷоми суханронӣ Мавсума Муинӣ.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# СУҲБАТИ ГИРДИ МИЗ ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Дар мавзуи «Муттаҳид намудани кӯшишҳои муштарак баҳри бунёди ҷомеаи дорои арзишҳои сарнавишти ягонаи инсоният» шашуми июни соли 2024 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати гирди миз баргузор гардид. Дар он роҳбарияти Маҷлиси намояндагон, Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории парлумонҳои Тоҷикистону Чин, раисони фраксияҳои ҳизбӣ, намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ, иқтисод ва савдо, нақлиёт, саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, маориф ва илм, кишоварзӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Маркази Конфутсий иштирок доштанд.**

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ изҳор дошт, ки Чин ва кишварҳои Осиёи Марказиро сарнавишти муштарак мепайвандад ва Тоҷикистону Чин ҳамеша ҳамсояҳои хуб, шарикони боэътимод ва бародар мебошанд.

- Дӯстӣ ва ҳамкориҳои мамлакатҳои мо решаҳои амиқ доранд. Онҳоро заминаҳои таърихӣ, анъанаҳое, ки дар муносибатҳои халқҳои мо дар давоми чандин аср инкишоф ёфтаанд ва мавқеи географии мамлакатҳои мо муайян намудаанд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин тайи даҳ соли охир робитаи байни давлатҳо ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид.

Мулоқоту гуфтушуниди сатҳи баланд гувоҳи он аст, ки роҳбарони кишварҳои мо омодаанд таҳкими шарикии стратегиро низ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории Шанхай идома диҳанд, - зикр кард номбурда.

Дар чорабинӣ, ҳамчунин, муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ, раиси Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси умумичинии намояндагони халқи Ҷумҳурии Мардумии Чин Рустам Латифзода, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Тзси Шумин ва намояндагони дигар вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳояшонро баён карданд.



**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум»**

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРЛУМОНӢ ДОИР МЕГАРДАД

**Дар робита ба ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» 10-уми июни соли 2024 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон зери унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон» форуми байналмилалии парлумонӣ доир мегардад.**

Дар он вакилон аз 20 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Ҷопон, Туркия, Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Покистон, Беларус, Озарбойҷон, Гурҷистон, Малайзия, Арманистон, Австрия, Босния ва Герсеговина, Молдова, Непал, Руминия ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ иштирок менамоянд.

Зимни баргузории форум тавонмандсозии занон, ҷавонон, баробарии гендерӣ, устувории демографӣ, камбизоатӣ, норасоии об ва тағйирёбии иқлим ва таҳкими шарикӣ матраҳ мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки Форуми парлумонҳои Осиё оид ба нуфуси аҳолӣ ва рушд (AFPPD) аз 33 кумитаи миллӣ, ки дар ҳайати худ вакилони парлумонҳои минтақаҳои Осиё - уқёнуси Ором ва Осиёи Марказиро ба ҳам овардааст, иборат мебошад.




**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА,
«Садои мардум»**

Муҳокимаи парламентӣ

# ВАЗЪИ ИҶРОИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ СОҲАИ СОХТМОН БАРРАСӢ ШУД





**Чоруми июни соли равон бо ибтикори Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия доир ба иҷрои Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муҳокимаи парламентӣ баргузор шуд, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагон ва масъулини Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.**

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло изҳор дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти мушкилоти ҷойдоштаи ҷомеа аз рӯзҳои аввали фаъолият ба соҳаи сохтмон таваҷҷуҳи хоса доранд.

- Бо дастури Роҳбари давлат барои инкишофи минбаъдаи кишвар ҳадафҳои стратегӣ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар муайян гардиданд. Аз ҷумла, сохтмон ва бунёди неругоҳҳои барқи обии хурду миёна ва бузург, хатҳои интиқоли қувваи барқ ва таъсиси низоми ягонаи энергетикии мамлакат, таъмиру таҷдиди иншооти гидроэнергетикӣ ва барқарорсозии иқтидори онҳо, шабакаҳои интиқоли барқу газ, гузаштан ба истифодаи технологияҳои каммасрафи энергия вазифаҳои афзалиятноканд, - зикр кард номбурда.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади рушди соҳаи сохтмон Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2022-2025) таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022 тасдиқ гардидааст. Ин ҳуҷҷат мақсад ва афзалияти рушд, самтҳои асосӣ, вазифаҳо ва механизми ислоҳоти соҳаи сохтмонро барои давраи то соли 2030 дар асоси омӯзиши амалияҳои беҳтарини дигаргунсозиҳои сохтории соҳаи сохтмон ва тамоюли ҷаҳонии рушди фаъолияти шаҳрсозӣ муайян менамояд.

Муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон Улуғбек Умарзода оид ба рафти иҷрои стратегия иттилоъ дод, ки мақсади асосӣ ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳити мусоид барои зиндагӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, муҳандисӣ, нақлиётӣ ва истеҳсолӣ, истифодаи оқилонаи мероси таърихӣ, фарҳангӣ, захираҳои табиат, ҳифзи муҳити зист ва ҳалли масъалаҳое мебошад, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд.

- Тибқи муқаррароти стратегия сиёсати давлат дар соҳаи сохтмон ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори соҳа бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатию моддӣ, инноватсия ва сармоягузориҳо бо мақсади таъмини амалишавии бомуваффақонаи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, минтақаҳо ва соҳаҳо равона мегардад, - зикр кард номбурда.

- Пешрафти соҳа бе мавҷудият ва такмили заминаҳои ҳуқуқӣ рушд карда наметавонад. Барои танзими соҳаи сохтмон дар мамлакат қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони манзилҳои шахсӣ» (аз 21 июли соли 1994), «Дар бораи меъморӣ ва шаҳрсозӣ» (аз 15 майи соли 1997), «Дар бораи масъулияти иқтисодии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо барои қонуншиканӣ дар соҳаи сохтмон ва саноати масолеҳ, конструксия ва маснуоти бинокорӣ» (аз 15 майи соли 1997) ва «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» (аз 20 марти соли 2008) қабул гардиданд, ки барои рушди соҳа ва қабули дигар санадҳои зерқонунӣ асоси ҳуқуқӣ гузоштанд. Бо қабули Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012, қонунгузорӣ мукаммал, танзими соҳа боз ҳам муратаб гардида, муносибатҳо мушаххасу барои шаҳрвандону ташкилотҳо имкониятҳои боз ҳам васеътар фароҳам шуд, - изҳор дошт вакили Маҷлиси намояндагон Комрон Исмоилиён.

Дар охир вакилони Маҷлиси намояндагон ба саволҳояшон аз масъулини соҳа посух гирифта, пешниҳоду тавсияҳо манзур намуданд.

Бо назардошти таклифу дархост ва пешниҳодҳои иброзгардида қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул карда шуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум»**

# МАШҒУЛИЯТИ ИДОРАВӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

**Чоруми июни соли 2024 бо ибтикори Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» хониши идоравӣ барои хизматчиёни давлатӣ доир ба шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва нақши хизматчии давлатӣ дар баланд бардоштани нуфузи хизмати давлатӣ баргузор гардид.**

Вакили Маҷлиси намояндагон Зафар Файзуллозода, сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аъзамҷон Шарифзода ва муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пайрав Иззатуллозода Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»-ро шарҳ дода, ҳамчунин, вобаста ба нақши хизматчии давлатӣ дар баланд бардоштани нуфузи хизмати давлатӣ андешаҳояшонро баён карданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# КОРРУПСИЯ – ЗУҲУРОТИ ХАВФНОКИ ҶОМЕА



**Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ҳанӯз дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳҳои «фасод», «вайронкунанда», «зарарrасонанда» ва фурӯхтани мансаб маънидод шуда, истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиати шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал дастзада дар ҳама давру замон аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.**

Дар робита ба ин, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар гардидааст, ки коррупсия кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамояд, инчунин, ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки коррупсия дар ҷаҳони муосир аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб меёбад.

Коррупсия аз ҷумлаи кирдорҳое ба ҳисоб меравад, ки боиси поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, заиф шудани фаъолияти мақомоти давлатӣ гардида, эҳтироми мардумро ба давлат ва мақомоти он коста менамояд ва обрӯю эътимоди онро коҳиш медиҳад. Аз ин хотир, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла дар моддаи 7 Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ки бо қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ аз 17 декабри соли 1979 қабул шудааст, дарҷ гардида, ки шахсони мансабдор оид ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ бояд ягон намуди кирдори коррупсиониро содир накунанд ва барои пешгирии ҳамаҷонибаи чунин омилҳо ва мубориза бар зидди он кӯшиш намоянд.

Бо назардошти хавфнокии кирдорҳои коррупсионӣ муқовимат бо коррупсия ҷузъи муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, муқовимат ба коррупсия яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилот, новобаста аз шакли моликият, дар доираи ваколатҳо ва вазифаҳои худ, инчунин, шахсони воқеӣ дар самти пешгирии коррупсия мебошад.

Бо шарофати ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои муқовимат ба коррупсия дар кишвари мо фароҳам буда, иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб таъмин аст. Аз ҷумла, дар ин самт қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи замон ҷавобгуй қабул шуда, ниҳоди махсусгардонидашудаи давлатӣ - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва ниҳоди умумимиллӣ - Шурои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудаанд.

Ҳамзамон, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва ҷавобгарии шахсоне, ки ба чунин кирдори номатлуб даст мезананд, муқаррароти дахлдор пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, бо татбиқи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам беҳтар гаштани самти амалӣ намудани адолати судӣ тадбирҳои мушаххас андашида шуда, ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор вобаста ба беҳгардонии фаъолияти низоми адолати судӣ, таҳия ва қабули санади ҳуқуқии дахлдор оид ба пурра намудани ҳайати баъзе судҳо ва ба танзим даровардани сарбории судяҳо, ҳамасола пешбинӣ намудани афзоиши маблағгузории мақомоти судӣ дар буҷети давлатӣ ва баробар кардани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ба вазъи иҷтимоии кормандони дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ махсус қайд гардидааст.

Тадбирҳои амалинамудаи Роҳбари давлат барои аз байн бурдани зуҳуроти номатлуби коррупсия ҳамаи моро водор месозад, ки дар ин кори басо муҳими давлатӣ бетараф набошем.

**Намоз АМОНЗОДА,
судяи Суди шаҳри Душанбе**

Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар

# АЗ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАРКИ ВОҚЕӢ ДОШТА БОШЕМ

**Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз рӯйдодҳои муҳими сол буда, намояндагони касбу кори гуногун доир ба он таассурот ва андешаҳояшонро баён намуда истодаанд.**

**Дар суҳбат бо директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, доктори илмҳои фалсафа Рустам Ҳайдарзода кӯшиш ба харҷ дода шуд, то моҳият ва рамзу ҳикмати мулоқоти мавриди назар бозгӯӣ гардад.**



- **Ба андешаи Шумо сабабу омилҳои баргузории ин мулоқот кадомҳо буданд?**

**-** Баргузории мулоқоти мазкур, пеш аз ҳама, ба ҳаводиси ҷаҳони муосир вобаста аст. Шоҳид ҳастем, ки тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва созмонҳои террористӣ ҳамчун хатари бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ имрӯз амният ва мавҷудияти аксар кишварҳои мусулмоннишинро зери таҳдиди ҷиддӣ қарор додаанд. Таҳдиди ин зуҳуроти харобиовар аз сатҳи миллӣ ва минтақавӣ фаротар рафта, хусусияти умумиҷаҳонӣ касб намудааст.

Дар ин робита ҳадафи мулоқоти мавриди назар, ҳамон тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, баррасӣ намудани масъалаҳои вобаста ба ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла маънавиёту маърифати мардуми мамлакат ва муайян намудани вазифаҳо барои бартараф намудани баъзе мушкилоту камбудиҳое, ки дар ин самт ҷой доранд, маҳсуб мешавад.

Муҳимтар аз ҳама, Роҳбари хирадсолори давлатамон доир ба равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, инчунин, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо, бо истинод ба далелу рақамҳои муътамад андешаҳояшонро баён намуда, дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз доданд.

- **Ҳаводиси охир собит намуданд, ки пайомади тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, фоҷиабор аст. Ба назари Шумо, ки вобаста ба масъалаҳои сиёсӣ таълифоти зиёд доред, кадом тадбирандешӣ қодир аст моро аз ин раванд эмин нигоҳ дорад?**

**-** Пеш аз ҳама, бояд ба тарбияи кӯдакону наврасон, расму оини ниёгон, меросу ахлоқи гузаштагон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Хусусан, баргузории маҷлисҳои падару модарон дар муассисаҳои таълимӣ, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бояд самаровар бошанд.

Мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуб дар шароити кунунии ҷомеа вазифаи ҳар як шахс буда, зарур аст, ки дар ҷомеа корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғу ташвиқ густурдатару муассир роҳандозӣ гарданд. Танҳо дар сурати бетараф набудан, пурзӯр намудани кӯшишҳои зиёиён, намояндагони созмонҳои касбӣ ва ҷамъиятӣ, бо иштироки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, васеъ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ -тарғиботӣ ва дар ниҳоди шаҳрвандон бедор намудани ҳисси оштинопазир ба тамоюли экстремизм ва терроризм метавон қотеъона мубориза бурду комёб шуд.

Дар кишвари мо қонунгузорӣ тоату ибодатро манъ накардааст. Вале ибодат набояд ба худнамоӣ табдил ёбад, бо хурофот омезиш ёбаду дар ин замина идеяҳои ифротгароӣ афзалият пайдо намоянд. Ҳаводиси солҳои охири дар кишварҳои Ироқ, Сурия ва Яман бавуқӯъомада нишон дод, ки баъзе ҷавонон фирефтаи гурӯҳҳои террористию экстремистӣ шуда, бо умеди «шаҳид» шудан ва ба «биҳишт» рафтан, ҷонашонро аз даст доданд, ҳамсаронашонро дигар террористон ба занӣ гирифта, фарзандонашон ятим монданд. Маҳз раъиятпарвариву дурандешии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тавассути робитаҳои дипломатӣ, занону фарзандони бепарастормондаи онҳо аз минтақаҳои ҷангзада ба Ватан баргардонида, ба ҳаёти осоишта ва таълиму тарбия фаро гирифта шуданд.

Аз он нигаронам, ки тоифае бидуни хатми мактабу мадраса ё таълимгоҳи расмӣ ва эътирофгаштаи динӣ эътиқоди мазҳабии баъзе шаҳрвандонро суиистифода карда истодаанд. Чунин ба ном муллоҳо, ки дар асл саводи комили динӣ надоранд ва аз фарҳанги ислом фарсаххо дуранд, бо амалҳои номатлуб ба обрӯи дини мубини ислом латма мезананд. Масъалаи дигари боиси нигаронӣ, ин ба тиҷорат табдил додани дин маҳсуб мешавад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест.

Оид ба мубориза бо ин вабо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 декабри соли 2017), барҳақ, фармудаанд: «Мубориза ба муқобили терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои якдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо мекунад».

- **Мо меросдори аҷдоди бофарҳанге ҳастем, ки барои рушди илму фарҳанг ва тамаддуни башарӣ, инчунин, ҳифзи асолати дини мубини ислом хизмати басо арзишманд карда, дар олами ислом ҷойгоҳи сазоворро соҳиб гардидаанд. Бо вуҷуди ин, чӣ боис гардидааст, ки хурофот реша давонад?**

**-** Мушкили асосии як идда ҷавонони ноогоҳи кишварҳои мусулмоннишин он аст, ки онҳо дар бобати идеологияи аслии ифротгароёни динӣ иттилои комил надоранд. Мувофиқи тафаккур ва таълимоти гурӯҳҳои ифротии динӣ ягон давлати мусулмоннишин бояд ҳамчун давлати мустақил вуҷуд надошта бошад. Тибқи назари онҳо, бояд ҳамаи ин давлатҳо маҷбуран ишғол ва ба таркиби «хилофати ягонаи исломӣ» дохил карда шуда, ҳамчун як ноҳияи «хилофат» бе чуну чаро ба халифаи ягонаи онҳо итоат кунанд. Ҳамин тавр, ифротгароён ҳеҷ гуна давлати мустақил ва истиқлолияти давлатҳои мусулмоннишинро эътироф намекунанд, балки онҳоро дар тобеияти «хилофат» дидан мехоҳанд.

Хусусиятҳои дигари ифротгароии динӣ он аст, ки ба миллатгароии ифротӣ тавъам намояндаи он буданро имтиёз ва ифтихор ҳисоб мекунад. Дар замони муосир низ ин баҳс дар сатҳи гуногун идома дошта, зери шиорҳои миллӣ, мазҳабӣ ва баъзан сиёсию геополитикӣ сурат мегирад. Барои мисол, омӯзиши муҳит ва рӯҳияи ифротгароёни динӣ дар Ховари Миёна собит кардааст, ки ин тоифа нисбат ба мардуми ориёӣ ва ориётабор назари нек надошта, ҳатто забони онҳоро «забони аҳли дӯзах» меноманд.

«Махсусият»-и дигар он аст, ки аъзои гурӯҳҳои навпайдои ифротии динӣ ба фарҳангу маърифат назари комилан манфӣ доранд. Ин аст, ки пешвоён ва назариясозони чунин равияҳо адабиёту осори ирфониро маҳкум намуда, «бидъат» меноманд.

Мутаассифона, баъзе ҷавонони мо дарк накардаанд, ки зиддият бо мардуми ориёинажод ва нафрат ба фарҳангу тамаддуни тоҷикӣ-форсӣ «рисолат» - и гурӯҳҳои ифротии динӣ буда, дар баробари мағзшӯӣ, чун неруи аҳриманӣ осори фарҳангию ҳунарию таърихиро нобуд карда истодаанд.

- **Тавре Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтанд, «ҳолатҳои ифротишавии баъзе шаҳрвандони мо ва гароиши онҳо ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасанд». Сабабҳои асосӣ кадомҳоанд?**

- Ба андешаи ман омилҳои асосии густариши ин зуҳуроти номатлуб инҳоянд:

- баланд гардидани сатҳи диндории бо хурофот омезишёфтаи ҷомеа, афзоиши таълимоти ғайриқонунии ибтидоии динӣ дар синни хурдсолӣ, ки мафкураи ҷавононро ба дингароӣ моил месозанд;

- бетафовутиву фориғболии ниҳоду сохторҳои салоҳиятдор дар иҷрои ваколату салоҳият, паст рафтани сатҳу сифати чорабиниҳои фаҳмондадиҳиву тарбиявӣ, бетарафӣ ихтиёр намудани қисме аз аҳли зиё, ки дар натиҷа, дар мафкураи ҷавонон холигоҳи ғоявиро ба вуҷуд оварда, ба пур кардани он бо идеологияи динии ифротӣ мусоидат мекунад;

- бо назардошти истифодаи васеи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз ҷониби насли ҷавон, паҳнкунандагони идеологияи диниву ифротӣ ин имконияти мусоидро ба манфиатҳои худ суиистифода менамоянд;

- муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари доштани паҳлуҳои мусбат боиси он мегардад, ки муҳоҷирон дар муҳити бегона зери таъсири гурӯҳу шабакаҳои ифротӣ қарор гирифта, ба созмонҳои террористӣ ҷалб шаванд;

- новобаста аз татбиқ намудани чорабиниҳои мушаххас, ҳоло ҳам теъдоди муайяни ҷавонон дар кишварҳои исломӣ бо таҳсили ғайрирасмии динӣ фаро гирифта шудаанд, ки барои таблиғгарони созмонҳои террористӣ заминаи муносиб фароҳам месозад;

- ба таври зарурӣ иҷро нагардидани уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд;

- аз тарафи шахсони мансабдор ва шаҳрвандон таъмин нагардидани талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки тибқи муқаррароти он шахсони мансабдор ва шаҳрвандон уҳдадоранд ба мақомоти амнияти давлатӣ ва ё мақомоти корҳои дохилӣ доир ба ҳодисаҳое, ки дар онҳо хусусиятҳои омодагӣ ба терроризм мушоҳида мешаванд ё аллакай содир гардиданд, фавран хабар диҳанд.

- **Омили дигаре, ки боиси нигаронии Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид, аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ мебошад. Барои пешгирии чунин ҳолат чӣ пешниҳод доред?**

**-** Шояд, баъзеҳо ин масъаларо ҷузъӣ пиндоранд, вале содир гардидани амалҳои террористӣ аз ҷониби ҳамватанонамон дар 10 кишвари дунё аз ҳар яки мо андешидани тадбирҳои бетаъхирро тақозо менамояд. Пеш аз ҳама, бояд ҷиддӣ андешем, ки кадом омилҳо замина барои зуҳури терроризми «тоҷикӣ» шуданд?

Посухи ин саволро аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар дарёфтем: «Ин амалҳо аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатҷӯй ва хадамоти махсуси баъзе кишварҳо тарҳрезӣ мешаванд ва онҳо аз бемаърифативу бетаҷрибагӣ ва ноогоҳии баъзе ҷавонони мо истифода мекунанд. Мо аз ҳадафҳои ғаразноки душманони миллати тоҷик огоҳ ҳастем ва ҷиҳати пешгирии онҳо тамоми чораҳои заруриро андешида истодаем».

Дар ҷаҳони муосир ҷавҳари тамаддуни иттилоотиро рушди васоити интернетӣ ва густариши алоқаи моҳвораӣ, коркарду пахши ахбору иттилоот ва зуҳуру инкишофи дипломатияи рақамӣ ташкил медиҳанд. Ба касе пӯшида нест, ки дар ҷаҳони муосир фазои иттилоотӣ ба саҳнаи бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии марказҳои қудрати дунёи муосир ва василаи муассири фароҳам овардани афкори омма ва самт додани он ба нафъи доираҳои муайян табдил ёфтааст. Дар вусъати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дар баробари тамоюлҳои мусбати созанда, ки огоҳиро таъмин мекунанд, ҳамчунин, равандҳои манфии хатарзо барои амнияти иттилоотии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуҳуфтаанд.

Аз ин лиҳоз, фаъолият бояд дар ин самт тавсеа ва тақвият бахшида шавад. Дастури Президенти мамлакат дар бобати таъсиси ситод оид ба баррасии мурочиатҳои шахсони барои содир намудани амалҳои экстремистиву террористӣ дар кофтуков қарордошта дар назди Прокуратураи генералӣ муҳиму саривақтӣ аст.

Илова бар ин, тавассути баргузории чорабиниҳои гуногун аз тариқи воситаҳои ахбори омма шарҳу тавзеҳ дода шавад, ки бо иқдоми Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қонунгузории ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид шуда, муқаррар гардид, ки дар сурати ихтиёран даст кашидани шаҳрвандон аз иштирок дар фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, инчунин, қатъ кардани иштироки минбаъда дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди дигар кишварҳо онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

Тавре дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар зикр шуд: «Бо истифода аз ин имконият дар даҳ соли охир 1640 нафар ба Ватан баргаштанд ва парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба онҳо қатъ карда шуданд. Танҳо соли 2023-юм 328 ва дар ду моҳи соли ҷорӣ 140 нафар шаҳрвандон аз ин имконият истифода кардаанд». Сохторҳои дахлдорро мебояд тавассути ин ашхос ба шаҳрвандон муроҷиат намоянд, ки фирефтаи ҳар гуна дасисаҳо нагардида, ба номи падару модар, фарзандон, обрӯи давлат ва миллат иснод наоранд.

Дар маҷмӯъ, дарки воқеӣ ва дақиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳо, мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар дохил ва хориҷ бахри шинохти мусбати Тоҷикистон бояд сармашқи кори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бошад.

**Мусоҳиб Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ТАШАББУСҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## Мақсад якест: ҳифзи муҳити зист ва таъмини шароити солим барои инсоният

**Тоҷикистони азизи мо дорои табиати хеле нодир аст. Шояд дар ягон гӯшаю канори дунё чунин табиати афсункор, иқлими мусоид, обҳои хуштаъму ширин, талу теппаҳои назаррабо, дашту саҳрои сабзу хуррам ва кӯҳҳои сар ба афлоккашида ба назар нарасанд.**

Насли кунунӣ бояд ба хубӣ дарк намоянд, ки табиат барои инсон то чӣ андоза муҳиму нафъовар буда, бидуни он зиндагӣ кардани одамон комилан номумкин аст.

Вақтҳои охир мо мушоҳида мекунем, ки дар саросари дунё дарёҳо, ҷангал ва буттазор хеле ифлос шудаанд. Баъзан мебинем ё мушоҳида мекунем, ки маҳз, аз беназоратию беэҳтиётии инсонҳо бешаю ҷангалзор оташ мегирад ва оташ аз худ зиёну хароботи зиёд боқӣ мегузорад. Бар асари сӯхторҳои даҳшатбор ҳазорон дарахт ва гулу буттаю растаниҳо аз байн мераванд, зироат нест мешавад. Албатта, ин сӯхторҳо дар ҷойҳои иқлимашон хеле гарм бештар ба амал меоянд, вале зиёни он ба тамоми сайёра мерасад ва дар саргаҳи он сӯхторҳо ҳамоно инсонҳо меистанд. Бештари одамон дар оғӯши табиат истироҳат карда, аз боигариҳои он фаровон истифода мебаранд, вале ба қадри сарватҳои бебаҳои он намерасанд. Яъне, инсонҳо гоҳе ҳамбастагии бебаҳсу мустақими худро бо табиат фаромӯш месозанд ва бо мақсади тозаю зебо нигоҳ доштани оби ҳавзу наҳрҳо, пешгирии ифлосшавии гирду атроф кӯшиш ба харҷ намедиҳанд. Мебинем ё мешунавем, ки гурӯҳе аз одамон пас аз фароғату истироҳат дар табиат ҷиҳозу ашёи нозарур, шишаю қуттиҳои холӣ, зарфҳои пластикию полиэтиленӣ ва ғайраро паҳну парешон партофта мераванд. Тоифаи дигар хеле бераҳмона шохаю навдаҳои дарахтони мевадиҳандаро шикаста, қитъазаминҳои киштро валангор месозанд. Гоҳо ба чашм мерасад, ки навъҳои алоҳидаи парандаю ҳайвоноти нодир ва марғзору чашмасори ба қалбҳо сурури фараҳбахшанда несту поймол мегарданд. Мисоли дигар, гоҳо мо дар табиат гулхан афрӯхта, шабона хомӯш кардани онро фаромӯш месозем. Охир, ҳифзу нигоҳдории табиат, истифодаи оқилонаи дороиҳои муҳити атроф, барқарорсозии захираҳои табиӣ, солимгардонии табиате, ки моро иҳота кардааст, на танҳо вазифаи масъулону мутасаддиёни бахши марбута, балки вазифа ва қарзи ҷонию виҷдонии ҳар як сокини кишвар ба шумор меравад.

Таассуфовар аст, ки гурӯҳе аз одамон то ҳанӯз фаҳмидан намехоҳанд, ки табиат дӯсти қарину ҳамдами беминнати инсонҳост ва дарду ҳиҷрони ҳар кадоми моро табиат дармону даво мебахшад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз мулоҳизаронии хеш чунин изҳор доштанд: «Сари таъзим ба табиати бою ғании кишварамон, ки дар лаҳзаҳои душвори буҳрони иқтисодӣ ва сиёсие, ки ба дӯши халқамон омад, имкони паси сар кардани онро таъмин намуд».

Олими барҷастаи рус Евгений Золотарёв дар яке аз шабакаҳои интернетӣ андешаҳои худро оид ба мушкилоте, ки ҷаҳонро дар масъалаи экологӣ ба ташвиш овардааст, чунин баён намудааст: «Масоҳати захираҳои замин имрӯз тақрибан 140 миллион метри мураббаъро ташкил менамояд, ки 23 дарсади он рӯ ба таназзул буда, 15 дарсади он хусусияти худро комилан гум кардааст. Дар натиҷаи афзоиши шаҳрсозӣ масоҳати заминҳои кишоварзӣ ба маротиб кам шуда, имконияти истифодаи об маҳдуд гашта, партовҳои маишию истеҳсолӣ нисбатан зиёд мешаванд. Конҳои нави нафт, газ ва ангишт кашф шаванд ҳам, вале то соли



2050 норасоии азими захираҳои энергетикӣ ба амал меояд. Мушкилоти дигар, ин нобуд гаштани ҷангалзор мебошад. Масоҳати онҳо, ки 6 миллиард гектар арзёбӣ мегардид, танҳо 4 миллиард гектар боқӣ мондааст. Барқарорсозӣ ва ҳифзи ҷангал яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои фаъолияти экологӣ дар саросари ҷаҳон буда, барои ин эҳтиёҷот солона миллионҳо доллар сарф карда шавад ҳам, аммо аз ҳар 11 миллион гектар талафоти ҷангал танҳо 1 миллион гектар барқарор карда мешавад. Талафот аз нобудшавии ҷангалҳо ҳамасола 5 трлн. долларро ташкил медиҳад. Барои аз байн нарафтани организмҳои зинда, аз ҷумла инсон ва қонеъ гардонидани ниёзҳои санитарию гигиенӣ, ҳар рӯз об лозим аст, вале оби тозаи ошомиданӣ танҳо 2,5 дарсади тамоми захираҳои обии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Дар бисёр минтақаҳо мардум маҷбуранд оберо истифода намоянд, ки ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ нест».

Аз маъхазҳои таърихӣ иттилоъ дорем, ки бори нахуст Созишнома оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зистро Созмони Милали Муттаҳид 5 июни соли 1972 дар шаҳри Стокголм дар конфронси махсус қабул намуд, ки ҳадаф аз он ҷалб намудани таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба ин масъалаи хеле мубрам ва тақдирсоз буд. Дар ҷумҳурии мо Рӯзи байналмилалии ҳифзи муҳити зист аз соли 1988 ва ҳамчун иди давлатӣ аз соли 2008 таҷлил мешавад. Одатан он рӯз дар Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ»-и пойтахт идораю муассиса, корхонаю ташкилот, сохторҳои зертобеи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳу донишкадаҳои ҳудуди шаҳри Душанбе, ки бахшҳои муҳити зист доранд, дастовардҳои худро ба маъраз гузошта, намунаи парандагони нодиру хушхон ва дигар дастовардҳои соҳавӣ аз ҷониби устодону донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба намоиш бароварда мешаванд. Нахуст, меҳмонону иштирокчиён аз намоишгоҳи дастовардҳои соҳа ва маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии чор ноҳияи пойтахт ва муассисаҳои таҳсилоти миёна, ибтидоӣ ва олии касбии ҳудуди пойтахт ба маъраз гузошта мешаванд, ба анвои гуногуни маҳсулоти ба намоиш гузошташуда баҳои воқеӣ медиҳанд.

Ҳадафи таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи муҳити зист поку озода нигоҳ доштани атроф, фароҳамсозии фазои тозаи экологӣ, ҳифзи муҳити зисти солим ва таъмини маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза мебошад. Агар мо таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ҳар чӣ бештар ба масоили экологӣ ҷалб намоем, он гоҳ самараю натиҷаи дилхоҳ ба даст хоҳем овард, зеро таъмини амнияти экологии ҷомеа дар ҳоли ҳозир аз шумули мубрамтарин масъалаҳои умумибашарӣ маҳсуб меёбад. Ба мо зарур аст, ки дар таълимгоҳҳо, махсусан ба тарбия ва таълими фанни экология аҳамияти ҷиддӣ диҳем ва наврасонро пайваста ба дӯст доштани табиат ва сарватҳои он ҳидоят намоем. Моро мебояд омӯхтани донишҳои экологиро ба кӯдакон, маҳз аз боғча оғоз карда, вобаста ба ҳамин масъала дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯзҳои аввали таҳсилу дарсомӯзӣ ба масъалаи таълиму тарбияи экологии толибилмон диққати бештар диҳем. Ба андешаи мо, вусъати ҳар чӣ бештари чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназемактабӣ баҳри рушди дониши экологӣ, тарбияи ахлоқию маънавӣ ва ҳисси табиатдӯстии наврасон такони ҷиддӣ мебахшад.

Бо итминони комил гуфта метавонем, ки маҳз ташаббусҳои созандаю бунёдкоронаи Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, хоса маъракаи умумиҷумҳуриявии кабудизоркунию ниҳолшинонӣ, бунёди боғҳои нав, гулзоркунии кӯчаю хиёбон ва боғҳои фароғатию истироҳатӣ, ки қариб тамоми сол ҷараён мегиранд, ба рафъи мушкилоти экологӣ таҳрик бахшиданд.

Биёед, мо ҳамеша табиати хешро ҳифз намуда, нагузорем, ки он несту нобуд ва маҳв гардад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**



# САЙЁҲИИ ПАРАНДАШИНОСӢ.

## Чаро имкониятҳо истифода намешаванд?

**Имкониятҳои сайёҳӣ дар кишвари мо кам нестанд, аммо истифодаи дурусту саривақтӣ аз онҳо масъалаи асосӣ ба шумор меравад. Яке аз навъҳои сайёҳӣ, ки онро метавон рушд дод, сайёҳии парандашиносӣ мебошад. Ҳоло дар бисёр кишварҳо, ба истилоҳ, «birdwatching» ё худ сайёҳии парандашиносӣ (орнитологӣ) рушди муназзам дорад.**

Ин навъи сайёҳиро бештар дӯстдорони табиат меписанданд, ки шумораашон дар саросари дунё кам нест. Тибқи пурсишҳои сотсиологӣ, сайёҳии орнитологӣ пас аз сайёҳии пиёдагардӣ дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Ин навъи сайёҳӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Британияи Кабир, Скандинавия, Фаронса, Олмон ва Ҷопон бештар рушд кардааст. Садҳо ширкатҳои марбут сафарҳои сайёҳиро қариб ба тамоми гӯшаҳои ҷаҳон ташкил менамоянд, даҳҳо коргоҳҳое мавҷуданд, ки таҷҳизоти барои ин навъи сайёҳӣ лозимро истеҳсол менамоянд, маҷаллаҳои зиёде ба табъ мерасанд, ки ба парандаҳо ва назорати онҳо дар табиат бахшида шудаанд.

Дар кишвари мо 18 ҳудуди орнитологӣ вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо обанбори «Баҳри Тоҷик» мебошад. Он макони ҷамъшавии парандаҳо буда, роҳандозии ин намуди туризм дар моҳҳои август – сентябр – октябр, вақте ки парандаҳо аз шимол ба ҷануб меоянд, мувофиқ мебошад. Ҳангоми ташкили сайр ба ин мавзеъ роҳбалад бояд парандашинос бошад, то дар бораи намуд ва хусусияти биологии парандаҳо ба сайёҳон маълумоти дуруст пешниҳод намуда тавонад.

Алҳол ин навъи сайёҳӣ дар кишвари мо рушд наёфтааст ва сабаби инро мутахассисон дар набудани инфрасохтор ва роҳбаладони парандашинос (орнитолог) медонанд. Бо мақсади пешрафти ин самти сайёҳӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, зарур аст, ки варақаҳои тарғиботӣ, китобу маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ дар бораи парандагони кишвар нашр карда шаванд.

Тибқи маълумоти дастрасшуда, ҷамъияти «Иттиҳоди ҳифзи табиат ва гуногунии биологӣ дар Тоҷикистон» тасмим гирифтааст, ки барои мактаббачагону донишҷӯён дар маконҳои ҷамъшавии парандаҳои мавсимӣ экскурсияҳо ташкил намояд. Чунин иқдом қобили дастгирӣ буда, барои боло рафтани сатҳи маърифати экологии наврасону ҷавонон аҳамияти калон дорад. Ин самти сайёҳиро дар Тоҷикистон низ сарфи назар кардан нашояд, зеро ба шарофати иқлими камназир, гуногунии манзараҳои табиӣ 385 намуди парандаҳо лона мегузоранд ва аз ин иқтидори бузург бояд самаранок истифода бурд.

**Ш. ҚУРБОНОВА, рӯзноманигор**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422556 | Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 15:05:00 |
| 2 | 422545 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Роштқалъа | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 15:10:00 |
| 3 | 422547 | Маркази саломатии ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 15:10:00 |
| 4 | 422549 | Бахши фарҳанги ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 15:10:00 |
| 5 | 422592 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Қисман васл ва насб намудани камераҳои назоратӣ ва аз нав барқарор намудани ноқилҳои камераҳои назоратӣ дар пажӯҳишгоҳи тибби бунёдии муассиса | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 21.06.2024 15:25:00 |
| 6 | 422593 | Корхонаи воҳиди давлатии «Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ, обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Роғун | Либоси махсуси корӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 15:30:00 |
| 7 | 422594 | Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 21.06.2024 16:00:00 |
| 8 | 422550 | Беморхонаи марказии ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 16:10:00 |
| 9 | 422595 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 45 | 21.06.2024 16:40:00 |
| 10 | 422597 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Авторефрактометр | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 17:19:19 |
| 11 | 422598 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сарулибоси махсуси корӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 21.06.2024 17:31:00 |
| 12 | 422599 | Маркази саломатии шаҳри Исфара | Реагенти лабораторӣ ва лавозимоти масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 21.06.2024 17:36:36 |
| 13 | 422600 | Маркази саратоншиносии вилояти Суғд | Молҳои канселярӣ, бланка ва маҳсулоти чопӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 21.06.2024 17:55:55 |
| 14 | 422589 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хизматрасонӣ оид ба бурда расонидани гулҳои мавсимӣ бо хатсайри Гулистон-Душанбе-Гулистон (бо нақлиёти боркаши ғунҷоишаш 30-35 хазор дона гул, ҳамагӣ 21 рейс) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 21.06.2024 18:22:22 |
| 15 | 422601 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 19:55:00 |
| 16 | 422602 | Бахши фарҳанги ноҳияи Айнӣ | Молҳои техникӣ, акустикӣ ва асбобҳои мусиқӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 21.06.2024 20:30:00 |
| 17 | 422604 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 24.06.2024 09:20:00 |
| 18 | 422609 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 41 | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.06.2024 09:20:00 |
| 19 | 422610 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №134»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.06.2024 09:35:00 |
| 20 | 422612 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 14 | 24.06.2024 09:35:00 |
| 21 | 422614 | МДТМ «Интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоиашон суст ва деркаршуда»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.06.2024 10:30:00 |
| 22 | 422611 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 46 | 24.06.2024 10:30:21 |
| 23 | 422613 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасониҳои нақлиётӣ барои 409 нафар дар самти шаҳри Хуҷанд-Душанбе-Хуҷанд | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 24.06.2024 11:11:11 |
| 24 | 422616 | Муассисаи давлатии «Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо»-и вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, ҷузъҳои компютерӣ, тухмии гулҳо ва молҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 57 | 24.06.2024 11:25:35 |
| 25 | 422615 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Курсӣ, техникаи маишӣ ва идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 24.06.2024 11:30:54 |
| 26 | 422617 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Автомашинаи боркаш | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.06.2024 14:47:31 |
| 27 | 422606 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Кӯлоб | Халтаи хун | Озмуни кушод | Мол | 1 | 25.06.2024 07:51:12 |
| 28 | 422638 | Муассисаи давлатии «Идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории намои бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.06.2024 10:00:00 |
| 29 | 422643 | Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 15.06.2024 10:50:32 |
| 30 | 422627 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №3» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 30 | 25.06.2024 15:30:00 |
| 31 | 422628 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | Таҷҳизоту асбобҳои рӯзгордорӣ ва курсӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 25.06.2024 16:22:37 |
| 32 | 422629 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороишии шаҳри Бохтар | Молу ашёҳои барқӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 25.06.2024 16:40:50 |
| 33 | 422630 | Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Таъмири бинои маъмурии беморхона | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.06.2024 16:50:10 |
| 34 | 422631 | Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф»-и гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои Бохтари вилояти Хатлон | Таъмири боми бинои «Коллеҷи такмили ихтисос»-и шаҳри Бохтар | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.06.2024 17:00:55 |
| 35 | 422552 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои нарм | Озмуни кушод | Мол | 7 | 26.06.2024 08:30:07 |
| 36 | 422635 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, сохтмонӣ, алафдаравак (газонокосилка), гипохлориди калсий ва мӯзаҳои корӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 26.06.2024 09:18:50 |
| 37 | 422633 | Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии махсус барои ношунавоёни шаҳри Душанбе | Оргтехника, молҳои маишӣ ва варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 26.06.2024 10:10:05 |
| 38 | 422637 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №98»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 26.06.2024 10:25:54 |
| 39 | 422639 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 26.06.2024 10:36:36 |
| 40 | 422640 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ-санитарии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Молҳои канселярӣ, бланка ва китоб | Озмуни кушод | Мол | 55 | 26.06.2024 10:36:36 |
| 41 | 422641 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и шаҳри Панҷакент | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва равғани муҳаррик | Озмуни кушод | Мол | 3 | 26.06.2024 10:36:36 |
| 42 | 422642 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии барқарорсозӣ ва солимгардонии кӯдакон» дар вилояти Суғд | Молҳои хоҷагидорӣ ва мебел | Озмуни кушод | Мол | 12 | 26.06.2024 10:36:36 |
| 43 | 422636 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии 14»-и шаҳри Душанбе | Обкашак, молҳои маишӣ, техникӣ ва молҳои барқию хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 26.06.2024 10:48:03 |
| 44 | 422644 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 ба номи Азамати шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 26.06.2024 13:30:00 |
| 45 | 422632 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ниҳол ва тухмии гул | Озмуни кушод | Мол | 9 | 26.06.2024 14:44:44 |
| 46 | 422634 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 26.06.2024 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

**Правительство Республики Таджикистан при поддержке Всемирного банка приступает к реализации «Проект по улучшению управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ)**

Целью предоставления консалтинговых услуг является оказание консультативной помощи в переводе с таджикского/русского на английский - с английского на таджикский/русский различные проектные документы (контракты, презентации, руководства и т.д.); модификации/изменения/комментарии Всемирного банка к проектным документам; документы заседаний тендерной комиссии и технической рабочей группы (отчеты об оценке предложений и т.п.); В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:

| № | Вакантная позиция | Квалификационные требование |
|---|---|---|
| 1 | Специалист по социальным и гендерным вопросам (местный) 1 позиция | Диплом университета в области наук по социальным вопросам и по крайней мере 5 лет опыта работы в области социологии:<br>Знание и понимание принципов социальной оценки и процедур мониторинга.;<br>Знание национальных и международных стандартов и требований качеству питьевой воды, ирригации вопросам управления земельными ресурсами, стандартам общественного здравоохранения и технических параметров и стандартов безопасности:<br>По крайне мере ,трёхлетний опыт работы в частной, местной или национальной системе государственного управления, высокое чувство ответственности, готовность брать на себя инициативу, отличные коммуникативные навыки и командный дух являются важным качествами;<br>Опыт взаимодействия с местными властями и общинами;<br>Опыт работы с проектами, финансируемыми международными организациями(Всемирный банк, Азиатский банк, ЕС, ЮСАИД, ПРООН, или другие международные или двусторонние доноры);<br>свободное владение таджикским и русским языками-устные и письменные,<br>Сильная направленность на клиента и отличные навыки работы с компьютером (MS Офис) |

- Заявление на участие в конкурсе
- Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке
- Копия диплома об образовании
- Копия паспорта
- Копия трудовой книжки
- Копии ИНН, СИН
- Справка об отсутствии судимости
- Медицинская справка о здоровье
- Справка о место жительства
- Фотография 3 х 4 (4 штук)

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси, 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, кабинет 3 офис ЦУП УВРФД).

Окончательный срок представления документов 18.06.2024 г. до 10-00 часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседования.

# ЗАПРОС НА ПОДАЧУ ЦЕНОВЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

**Название проекта «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане»**

**Номер гранта МАР:** D9780-TJ

**Идентификатор проекта:** P177779

**Название задания**: «Закупка систем виртуальной реальности и многофункционального плоттера» для Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне (КЧС и ГО) при Правительстве Республики Таджикистан

Лот 1: Закупка систем виртуальной реальности

Лот 2: Закупка многофункционального плоттера.

**Номер ссылки:** COE/TPRDP/G-RFQ-14.

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка на покрытие стоимости Проекта «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намерена направить часть средств на оплату по контрактам «Закупка систем виртуальной реальности и многофункционального плоттера» для Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне (КЧС и ГО) при Правительстве Республики Таджикистан.

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» настоящим приглашает поставщиков предоставить ценовые предложения на поставку систем виртуальной реальности и многофункционального плоттера для КЧС и ГО и сопутствующих услуг, описанных в требованиях покупателя, приложенном к Запросу цен.

Торги будут проводиться методом Запроса ценовых предложений (RFQ), как указано в «Правилах закупок для заемщиков ИПФ» Всемирного банка от июля 2016 года, пересмотренных в ноябре 2020 года («Правила о закупках»), и открыты для всех правомочных поставщиков, как это определено в Положениях о закупках.

Внимание заинтересованных Поставщиков обращается на пункт 3.14 Положения, в котором указано, что у фирм и физических лиц, участвующих в закупках в рамках финансирования инвестиционных проектов Банка, не должно быть конфликта интересов.

Ценовые предложения должны быть представлены в Группу реализации проекта (ГРП) в письменном виде на русском языке не позднее *17:00 часов 17 июня 2024 года* (лично, по почте, факсу или электронной почте) по нижеуказанному адресу.

Инструкцию, формы и требования для предоставления ценового предложения можно получить по нижеследующей ссылке:

**https://cloud.mail.ru/public/67Sj/T5aNRdsDo**

За дополнительной информацией вы можете обратиться по тому же адресу в рабочее время с 9-00 до 17-00 с понедельника по пятницу.

Адрес: Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта

734013, г. Душанбе, ул. Лохути, 26, Республика Таджикистан

Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11 / моб. 880-00-28-28

Электронная почта: **coordinator@coescd.tj, ps@coescd.tj**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин бо истифодаи якумраи меросии дараҷаи №03623306, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори ҷамоати деҳоти Куктош аз 20 январи соли 2007 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Стаханов ба Бойбобоев Абдухалил (РЯМ 126239977) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникӣ барои ҳавлидорӣ таҳти рақами барӯйхатгирии 00738352, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Очамайлӣ ба Яқубов Одилҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №795827-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи (ҳоло муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ) №9-и ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) соли 1980 ба Ҳомидов Маҳмадулло Амирҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №229339, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Фархор соли 2002 ба Абдураҳмонов Диловар Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ таҳти қайди 11242, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 4-уми майи соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Теппаҳои Шарқӣ (ҳоло Ховарон), квартали 3, участкаи 63 ба Шоева Ҳафиза додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос ва рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба ҶДММ «Ситора 2016» (РМА 030029253) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти №8Д-810, ки онро Идораи 3-юми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 10-уми ноябри соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов (ҳоло Н. Ганҷавӣ), бинои 365/1, хонаи 15 ба Каримов Искандар Идрисович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ бо силсилаи №Г20385, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2020 ба Азизов Муҳаммад Талабшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшудаи №2023010127, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон соли 2023 ба Баротов Аҳмадбек Азизбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои истеҳсолии заводи хишт таҳти № 21504, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Шӯроби Афғон ба ҶДММ «Тоҷикавтокараван» (РМА 090006920) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0241320, ки онро ҶДММ «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Душанбе» соли 2022 ба Раҳимова Фотима Тоҳировна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи 9, таҳти силсилаи Т-ШТА №0285102, ки онро соли 2009 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Аюбова Гулнора Муҳаммадлатифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ таҳти варақаи қайди 25902 соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Навбунёд ба Бекмамадов Зоҳир Назаршоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 7-уми марти соли 2017 таҳти феҳрасти №1Ш-487 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Навбунёд ба Бекмамадов Зоҳир Назаршоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Қарори гумшудаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 10-уми апрели соли 2017 таҳти №913 «Дар бораи вобаста намудани қитъаи замини наздиҳавлигии дар истифодаи шаҳрванд Бекмамадов Зоҳир Назаршоевич қарордошта, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Навбунёд эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0475230, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе 27-уми сентябри соли 2014 таҳти № 10339 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Пӯлодӣ, хонаи 19«а» ба Раҳматов Муҳиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи васиятнома, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 25-уми декабри соли 2015 таҳти феҳрасти №2М-292 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 31, хонаи 15 ба Абдуллоева Ҳидоят Абдуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Эълони нашршуда (Садои мардум №68 аз 29 майи соли 2024) Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Боймуротов Намоз Юлдошович додааст, эътибор надорад, бинобар ёфт шудани дафтарчаи имтиҳонии мазкур эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти №1Ш-1619, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 18-уми декабри соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 180/1, хонаи 5 ба Алмосов Сафаралӣ Абдурашидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онҳоро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 180/1, хонаи 5 ба Алмосов Сафаралӣ Абдурашидович додааст, эътибор надоранд.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи 3 лот, ки аз тарафи шарикони рушд - Ҳилоли Аҳмари Давлати Қатар, Ҳилоли Аҳмари Кувайт ва FHI дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Шарики рушди ҶҲАТ - Ҳилоли Аҳмари Давлати Қатар:**

**Лоти 1:** Таъмини чорвои хурд ва калон барои забҳ.

**Шарики рушди ҶҲАТ - Ҳилоли Аҳмари Кувайт:**

**Лоти 2:** Таъмини чорвои хурд ва калон барои забҳ.

**Шарики рушди ҶҲАТ – FHI:**

**Лоти 3:** Таъмини компютерҳо.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабилӣ: сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин, мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмунҳои тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосию иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ ва ба почтаи электронии **rcstl@mail.ru** муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо *то 13 июни соли 2024, соати* $09^{00}$ *бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 июни соли 2024, соати 11:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35065 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97